**Такриз**

**ба автореферати диссертатсияи Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло дар мавзӯи «Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳияҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисоси 6D010300 – Педагогика ва психология (6D010301 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот)**

Дар робита ба таълиму тарбияи хонандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ як қатор таҳқиқотҳои илмӣ гузаронида шудаанд, ки онҳо имконият медиҳанд, то заминаи илмии асоснокшудае барои муайян намудани шароит дар ташаккулёбӣ ва мутобиқшавии хонандагон ба ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ гузошта шавад.

Рисолаи илмии Абдуллозода Н. С. фарогири масъалаҳои назариявию амалии марбут ба салоҳиятҳои асосии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ буда, дар он шароитҳо ва мушкилоти ташаккули ингуна салоҳиятҳо бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ мавриди пажӯҳиш қарор дода шудаанд.

Мақсади ташаккул додани салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, ин додани дониши тайёр набуда, балки хонандаро ба ҳосил намудан ва ба даст овардани дониш сафарбар намудан мебошад. Дониши даркгардида ва дар таҷриба санҷидашуда метавонад дастоварди инсон ба ҳисоб равад, ки истифодаи оқилонаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ низ маҳз ба ҳамин – ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон нигаронида шудааст.

Муаллифи рисола навгонӣ, моҳияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти худро дар ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ муайян намудааст. Ҳадафи таҳқиқоти диссертасионӣ ба ошкор намудани салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ равона шудааст.

Дар кори илмӣ унвонҷӯ таҳқиқотҳои анҷомдодаи як қатор олимони ватаниро, ба мисли М. Лутфуллозода, Қ. Қодиров, И. Х. Каримова, Ф. Шарифзода, Ғ. Бобизода, Д. Имомназаров мавриди омӯзишу пажӯҳиш қарор додааст.

Унвонҷӯ Абдуллозода Н. С. қайд мекунад, ки яке аз самтҳои асосии беҳтар ва самараноктари тайёр кардани хонандагон – ин ташаккули мақсадноки салоҳиятҳои коммуникативии онҳо ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, барои рушди маҳорати таснифоти иттилоот дар доираи ҳамкории субъектҳо зарур аст, ки дар раванди таълим тамоми шароитҳо таъмин карда шаванд.

Боби якуми рисола – «Асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқи салоҳиятҳои хонандагон дар раванди таълим» ба технологияҳои ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон дар раванди таълим, ва дидактикаи ташаккули салоҳиятҳои хонандагон дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ бахшида шудааст.

Муаллиф вазифаи омӯзгорро дар равона намудани фаъолияти хонандагон ба самти дилхоҳ барои ба даст овардани мақсадҳои гузошташуда баён кардааст. Омӯзгори ботаҷриба метавонад аз усулҳои фаъоли таълим дар лаҳзаҳои мувофиқи дарс: ҳолати ҳаяҷонӣ, мақомбахшии ибтидои дарс, фаъолгардонӣ ва ҳангоми ҳосил намудани донишҳои нав ва одаткунонӣ моҳирона истифода барад.

Боби дуюми рисола «Амсилаи педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» маълумоти муфассалро доир ба ташаккули салоҳияитҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ, мониторинги сифати таълим ва самаранокии он дар ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон дар бар гирифтааст. Зикр мегардад, ки муҳайё будани шароити мусоиди таълим дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагон дар раванди таълим ниҳоят муҳим аст.

Мундариҷа ва мазмуни асосии рисолаи Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло дар автореферати диссертатсия дар шаклҳои тоҷикию русӣ инъикоси худро ёфтаанд.

Автореферати диссертатсияи Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло дар мавзӯи «Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» ба талаботи дахлдори Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисоси 6D010300 – Педагогика ва психология (6D010301 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот) сазовор аст.

Номзади илмҳои педагогӣ,
директори МДТ «Литсей барои
хонандагони болаёқат
дар шаҳри Душанбе» **Асҳобиддини Шералӣ**

**Маълумот барои тамос:**
Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Маяковский, 27/1
Телефон: +992-93-9999-699
e-Mail: asomnazarov@mail.ru

14.07. 2025

*Имзои Асҳобиддини Шералиро тасдиқ мекунам.*

Нозири шуъбаи кадрҳои
МДТ «Литсей барои хонандагони
болаёқат дар шаҳри Душанбе» Гулдарбоғова Ф.